# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 - назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Муҳимияти мавзӯи тадкиқотии Саидова Ҳ. М. дар он ифода меёбад, ки бунёди асосҳои рушди соҳаҳои иҷтимоии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудааст. Дар назар аст, ки солҳои наздик ташаккул ва инкишофи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба рушди босуръати иқтисодии кишвар мусоидат намуда, такони муҳиме барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гашта метавонанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, мавзӯи рисолаи илмии Саидова Ҳ. М. хело муҳим ва саривақтӣ буда, ӯ ҳангоми тадкиқот кӯшидааст ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоиро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ нишон диҳад. Муаллиф рушди хизматҳои иҷтимоиро ҳамчун зарурият ва омили муҳими рушди иқтисодиёт мавриди тадкиқ қарор додааст.

Муаллиф асосҳои назариявию методологии хизматрасонии иҷтимоиро муайян намуда, хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун категорияи иқтисодӣ таҳлил намуда ва нақши онро дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа нишон додааст. Муаллиф вазъи кунунии соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ муайян намуда, роҳҳои мукаммалгардонии хизматрасонӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон додааст.

Таснифоти пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба шаклҳои хизматрасонӣ ҷолиби диққат мебошад. Ӯ хизматрасониро ба

хизматрасониҳои инноватсионӣ ва анъанавӣ ҷудо намудааст ва дуруст қайд намудааст, ки хизматҳои анъанавӣ хизматҳое мебошанд, ки дар тули солҳо ташаккул ёфтаанд ва тағйир намеёбанд. Хизматрасониҳои инноватсионӣ бошанд, имкон медиҳанд, ки муассисаҳои хизматрасон ба таҷрибаи худ навовариҳоро ворид намоянд, ки ба беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ оварда мерасонад.

Аз матни автореферат бармеояд, ки нишондиҳандаҳои иҷтимоии соҳаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур тамоюли мусбат доранд. Ҷой доштани чунин тамоюлро муаллиф ба беҳтар гардидани фаъолияти соҳаҳои истеҳсолӣ, ташаккулёбии шаклҳои нави муассисаҳои расонандаи хизматҳои иҷтимоӣ, беҳтар гардидани вазъи технологии муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳамчунин ба рушди соҳаҳои ғайридавлатӣ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобаста медонад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, тадқиқот ва таҳлилҳои муаллиф метавонанд заминаи хуб барои таҷдиди назар намудани сиёсати иҷтимоии давлат ва ба назар гирифтани хусусиятҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳангоми банақшагирии стратегӣ бошанд.

Новобаста аз дастовардҳои дар боло номбаршуда рисолаи илмии Саидова Ҳ. дорои камбудию хатогиҳои зерин мебошад:

1. Дар автореферат муаллиф қайд намудааст, ки “барои таъмини дастрасии аҳолӣ ба таҳсилоти олии касбӣ соли 2014 дар ҷумҳурӣ Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ” ташкил шудааст. Ба назари мо дастрасии аҳолӣ ба таҳсилоти олии касбӣ на аз ташкили Маркази миллии тестӣ, балки аз дигар омилҳо аз қабили миқдори ҷойҳои буҷетӣ, арзиши хизматҳои иловагии пулакӣ ва даромади оилаҳо бештар вобаста мебошад.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Саидова Ҳ.М., ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи

ихтисоси 08.00.01- назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Д.и.и., профессор,мудири кафедраи
Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур З.Р.Шарифов

Имзои д.и.и., профессор,мудири кафедраи
Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур
Шарифов З.Р.тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
Таъминоти ҳуқуқи ДАТ ба
номи Ш.Шоҳтемур М.А.Тағоева